Муаллиф: Administrator
11.07.2021 01:09 -

Зилзилаи шадиде, ки имрӯз, соати 7,30-и субх дар кишвар ба вукӯъ пайваст, дар минтакаи Рашт якчанд хонахои истикоматӣ ва ахолиро зарари моддиву чонӣ расонд.

Раисони нохияхои Рашту Точикобод Мукимӣ Рахимчон Набизода ва Факерзода Кадриддин фавран ба Рохбари давлат, Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон тарики телефонӣ сухбат намуда, оид ба хисороти овардаи зилзила хисобот манзур намуданд.

Бо дастури Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон бахри бартараф кардани зарари он ситоди фаврӣ таъсис дода шуда, раиси Мачлиси намоняндагони Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон Зокирзода Махмадтоир Зоир, директори Агентии захирахои давлатии назди Хукумати Чумхурии Точикистон Ахмадзода Нурмахмад Ато ва дигар масъулини макомоти дахлдори кишвар ба минтака омаданд.

Масъулини Хукумати кишвар дар якчояг ӣ бо раисони нохияхо ва рохбарони макомоти хифзи хукук ба хонахои зарардидагон рафта, изхори тасалият иброз доштанд ва барои бартараф кардани  зарари офати табиӣ, инчунин дастгирии зарардидагон то хол кор бурда истодаанд.